*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: 734064, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Назирӣ Гулбаҳор Назир ба диссертатсияи Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ дар мавзуи «Воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илмӣ, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Диссертатсия ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқ аст: 9.1. Назария, методология, консепсияҳо ва принсипҳои асосии муносибатҳои қарзӣ ҳамчун ҷанбаҳои зоҳиршавии низоми қарзӣ, 9.2. Стратегияи ҳамгироии иқтисодиёти Тоҷикистон ба низоми муносибатҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ ва низоми пулию қарзии ҷаҳонӣ, 9.3. Рушди инфрасохтори муносибатҳои қарзӣ, фишангҳо, шаклҳо ва методҳои муосири пешниҳоди қарз, 9.6. Қонунҳо ва қонуниятҳои рушди соҳаи қарз, 9.7. Таҳаввулоти муносибатҳои қарзӣ; қонуниятҳо ва тамоюлоти муосири рушди онҳо, иртиботи мутақобилаи қарз бо гардиши пул, молия, бозори молия, тақвияти таъсири қарз ба истеҳсолот ва фурӯши маҳсулоти ҷамъиятӣ.

## Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Дар заминаи равандҳои ҷаҳонишавӣ ва шиддатёбии рақобати иқтисодӣ, таъмини дастрасии корхонаҳои саноати сабук ба захираҳои молиявии дарозмуҳлат ба яке аз масъалаҳои калидии сиёсати иқтисодӣ табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, баррасии ҳамаҷонибаи воситаҳои қарзӣ ҳамчун омили муҳими таҳкими иқтидори истеҳсолӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва рушди устувори саноати сабук, мубрамияти баланди мавзуи диссертатсияро муайян месозад.

Вобаста ба муҳимият ва зарурияти мавзуи баррасишаванда, муаллифи рисола ба маврид қайд намудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи нави рушд қарор дорад, ки он бо печидагии равандҳои ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии босуръати ҷараёнҳои геополитикӣ тавсиф мешавад. Дар чунин шароит, кишвар бояд вобастагии худро аз ин гуна муҳит дар доираи имкониятҳои мавҷуда ҳимоят намояд. Маҳз ҳамин омил боис гардидааст, ки таваҷҷуҳ ба масъалаи мазкур бештар шавад. Ҳамзамон, иқтисодиёти миллӣ бо таҳдидҳои нав рӯ ба рӯ мегардад, ки аз ҷониби идоракунии давлатии иқтисодӣ андешидани чораҳои муассирро тақозо мекунад. Дар иқтисодиёти муосири Тоҷикистон, роҳи ягона ва самараноки расидан ба ҳадафҳои рушд, махсусан дар бахшҳои воқеии иқтисод, истифодаи мустақими механизмҳои молиявию қарзӣ мебошад, зеро имконияти татбиқи онҳо ба воқеият хеле наздик аст.

Дар иқтисодиёти пешрафта ду соҳаи калидӣ - саноат ва кишоварзӣ метавонанд мувозинати рушдро дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доранд. Дар ҳамин замина, муаллиф ба таври ҳамзамон соҳаи саноати сабук ва сатҳи алоқамандии онро мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҳамчунин, ба маврид қайд мегардад, ки саноат ва бахши муҳими он - саноати сабук имрӯз вобаста ба мавҷудияти захираҳои табиӣ ва шароити иқлимӣ соҳаи афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Рушди ин соҳа тавассути истифодаи воситаҳои қарзӣ метавонад дарояндаи наздик иқтидори содиротии мамлакатро ба таври назаррас афзоиш диҳад. Илова бар ин, саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки корхонаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти гуногунро дар бар мегирад, бо фароҳам овардани пойгоҳи техникии муносиб метавонад дар таҳкими суботи иҷтимоӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ нақши ҳалкунанда бозад.

Дар робита ба дастовардҳои илмӣ ва методии мавҷуда, мавзуи таҳқиқшаванда аз тамоми ҷиҳатҳо муҳим ва актуалӣ буда, заминаҳои густариш ва рушди он дар доираи як қатор омилҳо ва ҳадафҳои созанда асоснок гардидааст. Ҳамзамон, муаллиф ба таври асоснок таъкид менамояд, ки дар низоми миёнаравии молиявӣ норасоии воқеӣ мавҷуд аст, ки дар номувофиқати сохтории байни дастрасии маҳдуди корхонаҳои саноати сабук ба қарзҳои дарозмуҳлат ва эҳтиёҷоти рӯзафзуни онҳо ба маблағгузории рушди технологӣ ифода меёбад. Инчунин, масъалаи ҳамоҳангсозии муҳтавои барномаҳои қарздиҳии имтиёзноки давлатӣ бо механизмҳои бозории пешниҳоди қарз то ҳол ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Аз ин рӯ, ҳамчун вазифаи таъхирнопазир, таҳияи амсилаи ҳамаҷониба ҷиҳати коҳиш додани

хавфҳои қарзӣ ҳам барои бонкҳо ва ҳам барои қарзгирандагон, аз ҷумла корхонаҳои саноати сабук, зарур мебошад.

Дар давоми ду даҳсолаи охир масъалаҳои мубрами рушди соҳаи саноат мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, дар ҳамин замина як қатор чораҳои зарурӣ андешида шудаанд. Ин аст, ки дар ҳуҷҷатҳои стратегии мамлакат ба ин соҳа таваҷҷуҳи хоса дода мешавад. Аз ҷумла, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 23 декабри соли 2022 чунин зикр шудааст: «Вазорати саноат ва технологияҳои нав бояд дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ... бо мақсади истифодаи пурраи имконияти кишвар дар самти рушди саноати сабук стратегияи миллии рушди истеҳсолу коркарди пахта ва саноати нассоҷиро таҳия ва … пешниҳод намояд». Гуногунрангсозии содирот, коҳиш додани вобастагӣ аз ашёи хоми берунӣ, ивазкунии воридот, пеш аз ҳама ба роҳ мондани истифодаи ашёи хоми дохилӣ, инчунин, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ки бевосита бо ҳадафҳои суботи иҷтимоӣ дар мамлакат ҳамрадиф мебошанд. Ҳамин тариқ, роҳандозӣ намудани механизми муассири пешниҳоди қарз ба корхонаҳои саноати сабук ба хотири ҷалби бештари сармоягузорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, метавонад ба омили муҳими таконбахши занҷираи рушд, яъне аз ба кор даровардани иқтидорҳои истеҳсолӣ то ташаккули кластерҳои комили минтақавӣ табдил ёбад.

Вобаста ба ҷанбаҳои дигари мавзуи баррасишаванда, аз ҷониби муаллиф як қатор натиҷаҳо ва хулосаҳои мушаххас ҳамчун дастовард пешниҳод гардидаанд, ки метавонанд муҳимият ва мубрамияти мавзуъро дар сатҳи зарурӣ инъикос намоянд. Бо ин асос, муаллифи рисола дастовардҳои бадастомадаро ба таври муназзам ва фаҳмо пешниҳод намуда, дар воқеъ ба вазифаҳои дар назди худ гузошташуда ноил гардидааст ва ҳадафҳои дар ин самт муайяншударо пурра амалӣ намудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертасия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии диссертант маҷмуи масъалаҳои муҳимеро дар бар мегиранд, ки заминаи методии таъмини рушди соҳаи саноати сабукро дар доираи механизмҳои қарздиҳӣ, инчунин, дигар шаклҳои маблағгузорӣ ва сармоягузорӣ фаро мегиранд. Татбиқи амалии пешниҳодҳои ироагардида метавонад имкониятҳои рушди устувор ва таҳкими суботи иқтисодии мамлакатро, хусусан тавассути дастгирии бахши саноати сабук, таъмин намояд.

Мавқеи илмии муаллиф дар шакли фишурда дар навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда инъикос ёфтааст, ки онҳо аз ҷониби

диссертант ба тарви возеҳ ва мантиқӣ дар диссертатсия баён гардидаанд (Саҳ. 10-13). Дар робита ба ин, муаллифи рисолаи илмӣ навгониҳои таҳқиқотро ба тарви зайл пешниҳод намудааст:

1. Дар навгонии якуми илмӣ муаллифи рисола ҷанбаҳои назариявӣ ва масъалаҳои консептуалии низоми қарздиҳиро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ҳамзамон, муқаррароти назариявии рушди муносибатҳои қарзӣ, ки хусусиятҳои институтсионалии ташаккули онҳоро дар соҳаи саноат дар шароити дигаргуниҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос менамоянд, ба тарви муфассал равшан гардидаанд. Дар баробари ин, муаллиф як қатор омилҳои таъсиррасонро муайян намуда, ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил шудааст. Илова бар ин, ҷанбаҳои методӣ ва таъсири механизмҳои қарздиҳӣ низ дар доираи таҳқиқот мавриди таҳлил қарор гирифтаанд (Саҳ. 14-48).

2. Дар навгонии дуюми илмӣ, аз ҷониби диссертант дар асоси арзёбиҳои амиқи илмӣ, механизмҳои асосии танзими раванди қарздиҳии соҳаи саноати сабук таҳия ва мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Ҳамзамон, шаклҳои истифодаи воситаҳои қарзӣ дар истеҳсолоти саноатӣ дар кишварҳои хориҷӣ баррасӣ гардидаанд. Дар ин замина, муаллиф имконияти мутобиқсозии таҷрибаи байналмилалии қарздиҳии саноати сабукро ба шароити институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти имкониятҳои мавҷудаи кишвар мавриди таҳқиқ қарор додааст (Саҳ. 49-70).

3. Дар қисмати таҳлилӣ, бар асоси хулосабарориҳои амиқи илмӣ, аз ҷониби муаллифи диссертатсия мушкилоти асосии қарздиҳии бонкӣ ба корхонаҳои саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор ва мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Ҳамзамон, таъсири воситаҳои қарзӣ ба рушди иқтисодии давлат ҳамчун натиҷаи муҳими таҳқиқоти илмӣ асоснок гардидааст. Дар ин замина, бо дарназардошти аҳаммияти соҳа, муаллиф вазъи макроиқтисодии кишварро дар робита ба рушди бахши саноат таҳлил намуда, мавқеи саноати сабукро дар сохтори истеҳсолоти саноатии миллӣ муайян кардааст ва ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст (Саҳ. 71-118).

4. Дар навгонии чоруми илмӣ, муаллиф муайян намудани самтҳо ва механизмҳои такмили низоми қарздиҳии бонкиро, ки ба баланд бардоштани иқтидори бонкҳои тиҷоратӣ, беҳтар намудани шароити баргардонидани қарзҳо ва тавсеаи дастгирии қарзии корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидаанд, ҳамчун ҳадафи ниҳоии таҳқиқот қарор додааст. Дар ин замина, муаллиф аз як қатор механизмҳо ва имкониятҳои мавҷуда ба тарви васеъ истифода намудааст. Ҳамзамон, муаллифи рисолаи

илмӣ тамоили тағйирёбии низоми қарздиҳӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт, меъёри фоиз ва таъсири иқтисодии он, инчунин, самтҳои стратегии рушди саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлил қарор дода, ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст (Саҳ. 119-169).

Дар мавқеъгирии муаллиф вобаста ба натиҷаҳои бадастоварда ва асосноккунии онҳо, дар рисола бандҳои зерин ба таври фишурда ҳамчун нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда нишон дода шудаанд:

- Дар нуктаи якуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда, муаллиф хусусиятҳои муҳити институтсионалии низоми молиявию қарзиро мавриди баррасӣ қарор дода, дар ин замина омилҳои асосии муайянкунандаи ташаккул ва рушди муносибатҳои байни бахши бонкӣ ва соҳаи саноатро дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ таҳлил намудааст. Ҳамзамон, диссертант хусусиятҳои соҳавии истеҳсолоти саноатиро баррасӣ намуда, зарурати равшан кардани асосҳои назариявӣ ва моҳияти иқтисодии воситаҳои қарзӣ, инчунин, шаклҳои истифодаи онҳоро дар истеҳсолоти саноатӣ асоснок сохтааст ва ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст.

- Дар нуктаи дуюм, зарурати мутобиқсозии таҷрибаи байналмилалии дастгирии қарзии рушди иқтисодии саноати сабук ба шароити институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имконияти татбиқи он мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳамзамон, муаллиф роҳҳои дастгирӣ ва қарздиҳии ин бахши муҳими иқтисодиро таҳлил намуда, зарурати дастгирии институтсионалии онро асоснок кардааст.

- Дар нуктаи сеюми ба ҳимоя пешниҳодшаванда, вазъи муосири низоми қарздиҳии бонкӣ ба корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, шароит ва хусусиятҳои он аз ҷониби диссертант мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, роҳу воситаҳои дастгирии ин соҳа, махсусан як қатор мушкилоти низомсоз, аз ҷониби муаллиф таҳлил ва арзёбӣ гардидаанд. Илова бар ин, дар боби дуюми рисолаи илмӣ таъсири воситаҳои қарзӣ ба рушди соҳа ва ташаккули мавқеи рақобатии он дар сохтори саноати миллӣ ба таври муфассал таҳлил ва баррасӣ шудааст.

- Дар нуктаи чорум ҳамчун натиҷаҳои ниҳоӣ, самтҳои асосии такмили низоми қарздиҳии корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар ин замина, роҳҳои баланд бардоштани иқтидори қарздиҳии бонкҳои тиҷоратӣ, беҳтар намудани механизмҳои пешниҳод ва баргардонидани воситаҳои қарзӣ, инчунин, тавсеаи дигар воситаҳои дастгирии қарзӣ, ки ба рушди иқтисодии корхонаҳои саноати сабук мусоидат менамоянд, таҳлил ва арзёбӣ гардидаанд.

Натиҷаҳои бадастомада бо як қатор нишондиҳандаҳои муҳими илмӣ асоснок карда шудаанд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мушаххасоти таҳқиқоти илмиро ба таври мукаммал дар бар гирифта, натиҷаҳои онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд. Илова бар ин, сатҳи баррасии нишондиҳандаҳои таҳқиқоти илмӣ воқеияти натиҷаҳои бадастомадаро ифода намуда, онҳоро ба таври пурра фаро мегирад (Саҳ. 14-169).

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо дар таҳқиқот ба таври асоснок инъикос гардидааст. Аз нуқтаи назари аҳамияти илмӣ, муаллиф ҷанбаҳои назариявӣ ва методии корбурди воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабукро аз дидгоҳи равияҳои муосири илмӣ баррасӣ намуда, пешниҳодҳои илман асоснокро дар таҳқиқоти худ инъикос кардааст. Ҳамзамон, методологияи амалисозии ҳадафҳои гузоштašуда дар самти истифодаи механизмҳои самараноки қарздиҳӣ ба бахши саноати сабук таҳлил гардида, ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил шудааст.

Дар мавриди аҳамияти амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, натиҷаҳои таҳқиқот барои шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегарданд, зеро онҳо метавонанд дар такмили сиёсати қарздиҳӣ, дастгирии давлатии соҳаи саноати сабук ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ истифода шаванд. Тавсияҳо ва пешниҳодҳои муаллиф дар заминаи таҳкими механизмҳои қарздиҳӣ, рушди истеҳсолот ва беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ аҳаммияти амалӣ ва иқтисодии худро нишон медиҳанд. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (МТОК) дар раванди таълими фанҳои «Муомилоти пулӣ ва қарз», «Амалиётҳои бонкӣ» ва «Фаъолияти бонкӣ» истифода шаванд.

Ҳамин тавр, хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф воқеияти дастгирӣ ва рушди саноати сабукро дар сатҳи зарурӣ инъикос намуда, моҳияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро пурра ифода мекунанд ва қобили дастгирӣ мебошанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Доир ба мавзуи таҳқиқот аз ҷониби диссертант 19 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми умумии 8,2 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 5,4 ҷузъи чопӣ ба қалами муаллиф) ба нашр расонида шудааст, ки аз онҳо 9 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп

гардидааст. Ҳамчунин, диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва тавсияҳо иборат буда, рӯйхати адабиёт 177 номгӯйро дар бар мегирад. Матни рисола дар ҳаҷми 198 саҳифа таҳия гардида, 22 ҷадвал, 13 диаграмма ва 7 расмро дар бар мегирад. Дар умум, ҳамаи хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ ҳадаф ва вазифаҳои дар рисола гузошташударо пурра фаро гирифта, онҳоро таъмин менамоянд.

**Мутобиқати диссертатсия ва автореферати он ба талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”**

Диссертатсия ва автореферати диссертант ба талаботи Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021) аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқат намуда, сохтор, мазмун ва тарзи таҳияи онҳо ба меъёрҳои муқарраргардида ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия аз лиҳози таркиб (муқаддима, бобҳо, хулоса ва тавсияҳо), ҳаҷм, инчунин, истифодаи маводи таҳлилӣ ва илмӣ ба талаботи санадҳои меъёрии амалкунанда мутобиқ аст.

Автореферат низ мазмуни асосии таҳқиқотро дар шакли фишурда ва мантиқӣ инъикос намуда, мувофиқати пурраи он бо мазмуни диссертатсия таъмин гардидааст. Дар он ҳадаф, вазифаҳо, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин, натиҷаҳои асосии таҳқиқот ба таври возеҳ ва мураттаб пешниҳод шудаанд. Дар маҷмуъ, диссертатсия ва автореферати он ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ” пурра мувофиқат менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар таҳияи маҷмуи муқаррароти назариявӣ, методологӣ ва амалии такмили низоми қарздиҳии бонкӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад. Муаллиф шахсан таҳаввулоти муносибатҳои қарзиро дар соҳаи саноат таҳлил намуда, асосҳои институтсионалии ташаккули онҳоро ошкор сохтааст. Ҳамзамон, таҷрибаи байналмилалии қарздиҳии соҳаро арзёбӣ намуда, имконияти мутобиқсозии онро ба шароити миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок кардааст.

Дар асоси таҳлили маълумоти оморӣ, ҳисоботи бонкҳои тиҷоратӣ ва корхонаҳои саноати сабук, диссертант механизмҳои баланд бардоштани иқтидори қарздиҳӣ, такмили расмиёти пешниҳоди қарз ва баргардонидани онро таҳия намуда, самтҳои стратегии тавсеаи дастгирии қарзии корхонаҳои соҳаро муайян кардааст. Илова бар ин, муаллиф барои сохторҳои давлатӣ ва бонкӣ тавсияҳои амалиро таҳия намудааст, ки ба баланд бардоштани

самаранокии истифодаи воситаҳои қарзӣ ва рушди устувори корхонаҳои саноати сабуки кишвар нигаронида шудаанд.

Муаллиф дар боби якуми диссертатсия - **“Асосҳои назариявию методологии рушди муносибатҳои қарзӣ дар саноат”** масъалаҳои марбут ба таҳаввулоти муносибатҳои қарзӣ дар истеҳсолоти саноатӣ ва асосҳои институтсионалии ташаккули онҳоро мавриди баррасӣ қарор додааст. Диссертант зимни таҳқиқоти хеш ба арзёбии амиқтари масъала аҳамияти зарурӣ дода, дар ин самт нуқтаи назари олимони маъруфи соҳаи иқтисодиётро таҳлил намудааст. Дар ин замина, омилҳои ба вуҷуд омадани қарз ва муносибатҳои қарзӣ дар саноат (Саҳ. 20-21), инчунин, нақш ва мавқеи қарз дар ташаккули рушди истеҳсолоти саноатӣ ва сохторҳои ёрирасони он баррасӣ гардидаанд (Саҳ. 14-29). Ҳамзамон, бо мақсади асосноксозии иқтисодии воситаҳои қарзӣ ва шаклҳои истифодаи онҳо дар истеҳсолоти саноатӣ, таҳлилҳои мақсадноки методологӣ анҷом дода шудаанд (Саҳ. 30-36). Дар ин раванд, равишҳои муҳими қарздиҳӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт, махсусан саноати кишвар, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар доираи ин таҳлилҳо зарурати қарз ҳамчун механизми асосии рушди иқтисодӣ асоснок гардида, таркиб ва тавсифи қарздиҳӣ ба соҳаи саноат дар шароити муосир (Саҳ. 41), омилҳои такмили бахши бонкӣ вобаста ба талаботи бозор (Саҳ. 46) ва дигар пешниҳодҳои илмӣ ироа шудаанд, ки асосҳои иқтисодии таъсири қарзро дар сатҳи зарурӣ ифода менамоянд.

Илова бар ин, муаллифи диссертатсия ба имконияти мутобиқсозии таҷрибаи байналмилалии қарздиҳӣ ба соҳаи саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст, ки метавонад дар расидан ба ҳадафҳои стратегии рушди саноат аҳаммияти муҳим дошта бошад. Дар ин замина, муаллифи рисолаи илмӣ ҳаҷми муқоисавии қарзҳои додашуда нисбат ба ММД дар як қатор кишварҳо ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 (Саҳ. 54), меъёри фоизҳои қарзӣ (Саҳ. 55), таҷрибаи байналмилалии дастгирии молиявию қарзии саноати сабук ва имконияти татбиқи он дар Тоҷикистон (Саҳ. 60), гурӯҳбандии қарзгирандагон (Саҳ. 67), инчунин, омилҳои таъсиррасон ба муносибатҳои қарзӣ дар соҳаи саноат (Саҳ. 68)-ро таҳлил намуда, ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст (Саҳ. 49-70), ки дар маҷмуъ, таҳлилҳо ва пешниҳодҳои анҷомдодаи унвонҷӯ ҳамчун дастовардҳои илмӣ арзёбӣ гардида, метавонанд дар рушди минбаъдаи соҳаи саноат ва такмили низоми қарздиҳӣ натиҷаҳои мусбат ба бор оваранд.

Дар боби дуюми диссертатсия - **“Таҳлили вазъи муосири қарздиҳии бонкӣ ба саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** муаллифи рисола масъалаҳои марбут ба таъмини корхонаҳои саноати сабук бо воситаҳои қарзӣ

дар раванди саноатикунонӣ ва хусусиятҳои онро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар ин замина, ба як қатор нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст. Дар раванди арзёбии амиқи масъала, муаллиф тамоюли тағйирёбии таркиби ММД, аз ҷумла саҳми саноат, саноати сабук ва кишоварзиро дар солҳои 2017-2023 (Саҳ. 74), инчунин, ҳиссаи ин соҳаҳо дар таркиби ММД дар ҳамон давра (Саҳ. 75), тамоюли тағйирёбии суръати рушди ММД, саноат ва кишоварзӣ (Саҳ. 77), таркиби рушди иқтисодиёт аз рӯйи соҳаҳо (Саҳ. 78), сохтори соҳаи саноат ва ҳиссаи зерсоҳаҳои он (Саҳ. 80), инчунин, ҳиссаи қарзҳои додашуда ба саноат дар низоми бонкӣ ва хароҷоти давлатӣ ба ин соҳа (Саҳ. 82)-ро таҳлил намуда, дар асоси онҳо хулоса ва пешниҳодҳои мақсаднок ироа кардааст.

Ҳамзамон, муаллиф дигар ҷанбаҳои мушкилоти қарздиҳии бонкӣ ба корхонаҳои саноати сабукро низ мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар ин самт, қарзҳои додашуда ва пардохтшудаи низоми бонкӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт дар солҳои 2014-2023 (С. 93), нишондиҳандаҳои рушди қарздиҳӣ (С. 94), инчунин, ҳиссаи қарзҳои ба саноат додашуда дар сандуқи умумии қарзии низоми бонкӣ дар ҳамин давра таҳлил гардида, вазъи воқеӣ муайян карда шудааст. Дар натиҷа, муаллиф ба дастовардҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст. Илова бар ин, таъсири қарздиҳии бонкӣ ба рушди саноати сабук ва ташаккули мавқеи он дар сохтори истеҳсолоти саноатии мамлакат низ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар ин замина, як қатор нишондиҳандаҳои таъсиррасон, аз ҷумла тамоюли нишондиҳандаҳои асосии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Саҳ. 103), ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ аз рӯйи соҳаҳо (Саҳ. 104), ҳиссаи арзиши изофаи саноат ва саноати сабук дар ММД (Саҳ. 106), инчунин, шумораи миёнаи солонаи кормандон дар соҳаҳои саноат (Саҳ. 108) таҳлил ва баррасӣ гардидаанд. Ин нишондиҳандаҳо иқтидори саноатии кишвар ва афзалиятҳои рушди онро дар сатҳи кофӣ инъикос намуда, натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқотро тақвият мебахшанд, ки дар маҷмуъ қобили дастгирӣ мебошанд.

Дар боби сеюми рисолаи илмӣ - **“Самтҳои такмили қарздиҳии бонкӣ ба саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон”** диссертант масъалаҳои марбут ба самтҳои асосии такмили низоми қарздиҳиро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, ба ҷанбаҳои муҳими мавзуъ дар доираи нишондиҳандаҳои муайян таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст ва дар ин самт ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст. Дар ин замина, бо мақсади амиқтар таҳлил намудани имкониятҳо ва иқтидорҳои соҳаи саноати кишвар, унвонҷӯ механизмҳои баланд бардоштани иқтидори қарздиҳии низоми бонкиро ба соҳаи саноати сабук ба таври мушаххас ва ҳадафманд мавриди

баррасӣ қарор додааст. Ҳамзамон, нишондиҳандаҳои зерин таҳлил гардидаанд: ҳиссаи афзалиятноки дороиҳои низоми бонкӣ дар қиёс бо ММД дар солҳои 2010-2023 (Саҳ. 121), тамоюли рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1992-2023 (Саҳ. 125), инчунин, меъёри фоизии қарзҳо ва пасандозҳо дар низоми бонкӣ дар солҳои 2012-2023, ки барои ҳавасмандгардонии соҳа аҳаммияти муҳим доранд. Дар натиҷаи ин таҳлилҳо муаллиф ба дастовардҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст.

Дар ҳамин замина, барои муайян намудани иқтидори қарзии низоми бонкӣ, муаллиф сифати сандуқи қарзии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар солҳои 2014-2023 таҳлил намуда, як қатор мушкилотро низ мавриди баррасӣ қарор додааст (Саҳ. 133). Дар параграфи дуюми боби сеюм, унвонҷӯ такмили механизмҳои пешниҳод ва баргардонидани воситаҳои қарзӣ дар саноати сабукро таҳлил намудааст, инчунин, дар параграфи сеюм самтҳои стратегии рушди саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар асоси тавсеаи дастгирии қарзӣ баррасӣ кардааст, ки мазмун ва натиҷаҳои таҳқиқотро пурра мегардонад. Дар ин самт, муаллифи рисола ба як қатор дастовардҳои илмӣ ноил гардидааст, ки онҳо қобили дастгирӣ мебошанд (Саҳ. 135-169). Дар умум, хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллифи рисола мазмуни таҳқиқоти илмиро пурра фаро гирифта, ҳадафҳои гузошташуда ва натиҷаҳои бадастомадаро ба таври комил инъикос менамоянд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**

Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли гузоришҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод гардида, дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла «Афзалиятҳои рушди бахши молиявӣ дар давраи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ» (ш. Душанбе, 2023), «Механизмҳои таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити саноатикунонӣ ва иқтисодиёти инноватсионӣ» (ш. Душанбе, 2023), «Масоили рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, молия ва менеҷмент дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва такмили ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (н. Рашт, 2024) ва дигар форумҳои илмӣ баррасӣ гардида, баҳои мусбат гирифтаанд. Тавсияҳои амалии унвонҷӯ оид ба такмили қарздиҳии бонкҳо ба корхонаҳои саноати сабук пешниҳод шуда, дар фаъолияти КВД БА ҶТ «Амонатбонк» татбиқ гардидаанд (санад аз 27.08.2025, филиали №76 дар ноҳияи Рашт). Ҳамзамон, нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар раванди таълим дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт ҳангоми омӯзиши фанҳои «Муомилоти пулӣ ва қарз», «Амалиётҳои бонкӣ»

ва «Фаъолияти бонкӣ» истифода мешаванд (санади №22/251 аз 23 декабри соли 2024).

## Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ

Дар таҳқиқоти илмӣ муаллиф дар доираи ҳадафҳои гузошташуда ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Бо вуҷуди ин, дар рисола баъзе норасоиву камбудиҳо мушоҳида мешаванд, ки ба мазмуну муҳтавои илмии диссертатсия таъсири манфӣ намегузоранд ва аз бандҳои зерин иборатанд:

1. Дар таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии мавзуъ як қатор олимоне, ки дар ин самт муваффақ гардидаанд, сарфи назар шудаанд ё номашон дар диссертатсия зикр нагардидааст;

2. Рисолаи илмӣ бурд мекард, агар муаллиф мушкилоти мавҷударо аз нуқтаи назари омилӣ баррасӣ менамуд, зеро дар ин сурат моҳияти таҳқиқот дигаргун мегардид;

3. Баъзе далелҳо ва рақамҳои дар ҷадвалу диаграммаҳои овардаи муаллифи рисола дар бобҳои дуюм ва сеюм баҳсбарангез буда, асосноккунии иловагиро тақозо менамоянд (2.3; 2.4; 2.6; 3.3; 3.6);

4. Дар боби дуюми рисолаи илмӣ агар муаллиф мушкилоти муосири қарздиҳӣ ба бахши саноати сабукро ба таври амиқтар таҳлил ва баррасӣ менамуд, сифати таҳқиқот беҳтар мегардид;

5. Қисмати хулосавии боби сеюми рисолаи илмӣ натиҷаҳои дар ин параграф бадастомадаро дар сатҳи зарурӣ ва ба таври фарогир инъикос накардааст. Бинобар ин, зарур буд, ки муаллифи рисола вобаста ба натиҷаҳо пешниҳодҳои худро ба таври банд ба банд манзур менамуд;

6. Дар матни диссертатсия баъзе камбудиҳои имлоӣ ва услубӣ (стилистикӣ) ба мушоҳида мерасанд.

Бо вуҷуди камбудиҳои зикршуда, бояд гуфт, ки онҳо ба мазмуну муҳтавои умумии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва сатҳи илмии онро низ коста намегардонанд.

## Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия

Дар робита ба натиҷаҳои бадастомада метавон қайд намуд, ки диссертатсияи Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ дар мавзуи “Воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ (КОА) омода гардидааст. Кори илмӣ аз ҷиҳати мазмун, дараҷаи фарогирии масъалаҳо, сатҳи таҳлил, натиҷаҳо ва хулосабарориҳо ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя дар назди шурои диссертатсионӣ мувофиқ мебошад. Бо дарназардошти натиҷаҳои

таҳқиқот метавон хулоса кард, ки диссертатсияи мазкур кори комилан анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат менамояд. Аз ин рӯ, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор, муовини раиси
Бонки миллии Тоҷикистон **Назирӣ Г.Н.**

Имзои Назирӣ Гулбаҳор Назирро тасдиқ мекунам:

**Сардори идораи кормандони БМТ** **Саидвалиева О.С.**

Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 38/1. Тел: + (992 44) 600-32-10. E-mail: TGN_1970@mail.ru

НАЦИОНАЛЬНЫЙ БАНК ТАДЖИКИСТАНА * БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН * ИДОРАИ КОРМАНДОН УПРАВЛЕНИЕ ПЕРСОНАЛОМ

“25” 04 соли 2026